# ПРОТОКОЛ

## ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

аз 31.07.2015 №10 ш. Душанбе

Раискунанда: Мамадҷонов Ю.М. – Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Роҳбари гурӯҳ);

Иштирок намуданд: Исломов Х.- сармутахассиси Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Иброҳимов Н.- Сармутахассиси шуъбаи ҳолатҳои фавкулоддаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Хайруллоев И.- Сардори Шуъбаи барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва амалӣ гардонидани они Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Абдурауфов Х.Ш. – Ходими пешбари илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳакимов Ф.Ф. – Ходими пешбари илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Камолов Ҷ.Ҷ.- Сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Буриев И.А.- сардори шуъбаи ҳифзи аҳолӣ ва худуди Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Филимонова Л.М.- афсари шуъбаи ҳифзи радиатсинию кимиёвӣ, тиббию кимиёвии Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳасанова Х.Ғ.- афсари гуруҳи эвакуатсионии Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳакимов Н. – афсари Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ; намояндагони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳида И. Сафаров ва Усмонов И.Ҷ.; Сайдуниев У.Г.- намояндаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Баррасии масъалаи меъёрҳои истеъмоли маводи ғизоӣ дар ҳолатҳои фавкулодда;
2. Баррасии масъалаи ворид намудани чорабиниҳои паст кардани хавфи офатҳо ба барномаҳои рушд;
3. Баррасии масъалаи ворид намудани чорабиниҳои паст кардани хавфи офатҳо ба Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030;
4. Баррасии методологияи гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо.

5. Баррасии лоиҳаи инвеститсионии «Лоиҳаи инвестисионӣ «Таҷдиди хадамоти муҳандисию сейсмометри дар сарбандҳо»

Ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллиро Мамадҷонов Ю.М. – директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни ифтитоҳ бахшида, иштирокчиёни ҷаласаро бо мақсади ҷамъомад шинос намуд.

Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа Иброҳимов Н.– сармутахассиси бахши ҳолатҳои фавқулоддаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ баромад намуд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа Усмонов И.- намояндаи БРСММ, баромад намуда, вобаста ба таҳияи санади мазкур иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа Сафаров И. - намояндаи БР СММ баромад намуда, оид ба таҳияи Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 пешниҳод намуд.

Аз рӯи масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа Сайдуниев У. – намояндаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон баромад намуда, оид ба таҳияи методологияи гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ахборот дод.

Аз рӯи масъалаи панҷуми рӯзномаи ҷаласа Абдурауфов Х.Ш. – ходими пешбари илмӣ Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи инвеститсионӣ «Таҷдиди хадамоти муҳандисию сейсмометрӣ дар сарбандҳо» баромад карда, ҳаллӣ онро масъалаи мубрами рӯз ва саривақти ҳисобида, аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ ва донорҳо маблағгузори намудани лоиҳаи мазкур ибрози ақида намуд.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Мамадҷонов Ю. М., Усмонов И., Сафаров И., Камолов Ҷ.Ҷ., Сайдуниев У.

Дар охир, раисикунанда Мамадҷонов Ю.М. – Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба масъалаи баргузории маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ ҷалб намуда, ҳайати гурӯҳи экспертиро ҷиҳати омодагӣ ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои Платформаи миллӣ вазифадор намуд.

Баъд аз баромади раисикунанда ва котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Ахбороти Иброҳимов Н. оид ба масъалаи меъёрҳои истеъмоли маводи ғизоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ба инобат гирифта шуда, тавсия дода шавад, ки таҳияи пурра ва асоснок кардашудаи он ба баррасии маҷлиси Платформаи миллӣ пешниҳод карда шавад;

2. Ворид намудани чорабиниҳои паст кардани хавфи офатҳо ба Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 мувофиқи мақсад шуморида шуда, Лоиҳаи «Тартиби таҳияи қисмати чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар барномаҳои мақсадноки рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо» аз тарафи аъзоёни Гурӯҳи эксперти дида баромада шавад ва пешниҳодотҳои худро дар давоми як ҳафта то 27 августи соли 2015 пешниҳод намоянд;

3. Ахбороти Сайдуниев У. оид ба таҳияи методологияи гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо, ба инобат гирифта шуда, лоиҳаи мазкур баъд аз санҷиш дар амалия барои баррасӣ ба маҷлиси Платформаи миллӣ пешниҳод карда шавад;

4. Ахбороти Абдурауфов Х.Ш. оиди иҷрои лоиҳаи инвеститсионӣ «Таҷдиди хадамоти муҳандисию сейсмометрӣ дар сарбандҳо» саривақти ҳисобида, ба Барномаи рушдӣ Созмони Милали Муттаҳид барои бо донорҳо оиди маблағгузори намудани лоиҳаи мазкур кор бурдан ва барои баррасӣ ба маҷлиси Платформаи миллӣ пешниҳод карда шавад;

5. Котиботи Платформаи миллӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ барои ташкил ва баргузории маҷлиси Платформаи миллӣ омодагирӣ намояд;

Роҳбари Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Ю. Мамадҷонов